# Синфи миёна дар Тоҷикистон
## Арзёбӣ ва хусусиятҳо

Ҳуҷҷати мазкур аз ҷониби мутахассисони Бонки ҷаҳонӣ ва Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои камбизоатӣ ва баробарӣ дар Осиёи Марказӣ омода шудааст

Октябри соли 2018

# Мундарича

I. Муқаддима....................2
II. Усули қаблӣ бо истифода аз маълумоти ТСЗТ....................4
III. Усули нав бо истифода аз маълумоти ТБХ....................5
IV. Маълумот....................7
V. Модел....................9
VI. Натиҷаҳо....................10
VII. Хусусиятҳо....................12
Хулоса....................14

## I. Муқаддима

Дар давоми даҳсолаи гузашта, кишварҳои Осиёи Марказӣ дар самти рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба пешрафти назаррасноил шуданд. Ба туфайли нархҳои мусоиди манбаи энергия, афзоиши иқтисодӣдар кишварҳои содироткунандаи нафт дар сатҳи баланд буд, ки ба кишварҳои воридоткунандаи нафт дар минтақа таъсири мусбат расонид. Дар давраи солҳои аз 2005 то 2015, дар Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Қазоқистон - се кишвари дорои маълумоти микроиқтисодии дастрас сатҳи камбизоатӣ босуръат коҳиш ёфт; дар Туркманистон ва Ӯзбекистон тамоюлҳои монанд мушоҳида мешуданд (дар ин ду кишвар, пайдо намудани маълумот дар бораи хонаводаҳо душвор аст). Афзоиши даромад аз ҳисоби шуғл дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ омили муҳим ба ҳисоб мерафт. Умуман, таъсири мусбати рушди иқтисодӣ ба таври васеъ паҳн шуда буд. Афзоиши сатҳи истеъмол дар байни 40 фоизи поёнии аҳолӣ аз суръати миёнаи афзоиши иқтисодӣ дар Қазоқистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон болотар буд, ва аз соли 2013 инҷониб арзёбиҳои расмии Тоҷикистон миёни аҳолии дар қисми поёнии тақсимот қарорёфтаниз афзоишро нишон медиҳанд. Коэффисиентҳои Ҷинӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҳама пасттарин дар ҷаҳон буда, дар солҳои охир каме поён рафтаанд.

Сарфи назар аз коҳишёбии сатҳи камбизоатӣ дар тамоми Осиёи Марказӣ, аксарияти аҳолӣ ба ноустувории иқтисодӣ осебпазир боқӣ мемонад. Барои ҳиссаи азими аҳолӣ, истеъмол аз хатти дахлдори камбизоатӣ каме баланд аст ва хавфи назарраси афтидан поёнтар аз ин хат вуҷуд дорад. Шумораи зиёди хонаводаҳо аз камбизоатӣ раҳо ёфта, боз ба он рӯ ба рӯ мешаванд, ки аз сатҳи пасти устуворӣ шаҳодат медиҳад. Дар шароити дараҷаи баланди ноустувории иқтисодӣ, таконҳои умумиллӣ ё фардӣ дарҳол ба коҳишёбии сатҳи некӯаҳволӣ оварда мерасонанд. Аз нуктаи назари иқтисодӣ, раҳоӣ аз чунин ҳолати осебпазириро дар кишварҳои минтақа метавон ҳамчун раванди гузариш ба ташаккули ҷомеаи “синфи миёна” ҳисобид. Он ба раванди расидан ба ҳудуди суботи иқтисодӣ, ки бо эҳтимолияти ночизи такроран афтидан ба камбизоатӣ алоқаманд аст, таъкид мекунад.

Стратегияҳои миллии рушд беш аз пеш ба таҷдиди моделҳои рушд нигаронида шуда, ба устуворӣ ва тақвияти сармояи инсон ҳамчун асос барои таъмини рушди устувор аҳамияти хоса медиҳанд. Стратегияҳои миллӣ ғайримустақим ба вусъатдиҳии синфи миёна бо мақсади истифодаи маҳсулнокии он, навоварӣ ва зарфияти рушд, равона шудаанд. Сарфи назар аз таваҷҷуҳи зиёд ба муайян намудани синфи миёна дар Осиёи Марказӣ, дар самти муайян намудани он дар гузаштаи наздик кори эмпирикӣ қариб ки анҷом дода нашудааст. Масъалаи меҳварии сиёсат ҷиҳати мусоидат ба таъмини шукуфоии умумӣ ин мебошад: оё ҳолатҳои

қаблии паст кардани камбизоатӣ бо вусъатёбии синфи миёна алоқаманд буданд, ё таъсири мушоҳидашавандаи некӯаҳволӣ ночиз/кӯтоҳмуддат буд, ки баръакс ба афзоиши ҳиссаи аҳолии осебпазир оварда расонид.

Корҳои қаблие, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ оид ба синфи миёна дар саросари ҷаҳон гузаронида шудаанд ба ду масъалаи муҳим, ки бо дарки пӯёи (динамикаи) некӯаҳволӣ дар Осиёи Марказӣ алоқаманданд, таъкид мекунанд. Якум, мафҳуми синфи миёна бояд дар шароитҳои маҳаллӣ асос ёбад. Азбаски хати камбизоатӣ бо меъёрҳои миллӣ муайян мегардад, мафҳуми синфи миёна низ бояд бо сатҳи миллии зиндагӣ алоқаманд бошад. Дуввум, бунёди синфи миёнаи шукуфон эҷоди фазои мусоид барои истеҳсолот, баланд бардоштани устуворӣ ва тақвияти обрӯю эътибори мардумро тақозо мекунад. Ба ибораи дигар, ҳукуматҳо, сиёсатҳо ва бозорҳо дар ташаккули ҷомеаи синфи миёна нақши муҳим мебозанд. Вусъатдиҳии дастрасии баробар ба маблағҳои молиявӣ, хизматрасонии тиббӣ, маориф ва хизматрасониҳои давлатӣ имкониятҳои иқтисодӣ ва устувории аҳолиро баланд мебардорад, ки он ба афзоиши некӯаҳволӣ дар ҳамаи гурӯҳҳои даромад оварда мерасонад.

## Вазъият дар Тоҷикистон

Таъмини афзоиши синфи миёна дар Тоҷикистон ҳадафи марказии ҳукумат ва яке аз уҳдадориҳои калидии дар Стратегияи милии рушди кишвар дарҷшуда, маҳсуб меёбад. Андозаи синфи миёна ба қарибӣ бо истифода аз Тадқиқоти сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон (ТСЗТ) барои солҳои 2007 ва 2009 расман арзёбӣ гардид. Аммо ТСЗТ бори охир соли 2009 ТСЗТ гузаронида шуд ва аз ҳамон замон пешбиниҳо барои муайян намудани андозаи синфи миёна истифода шуданд.

Дар ҳуҷҷати мазкур маълумоте, ки дар мақомоти муайянкунандаи сиёсат дар Тоҷикистон дастрас мебошад бо ду роҳ вусъат дода мешавад. Якум, дар он маълумоте истифода мешавад, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ва дигар шарикон бо мақсади арзёбии андозаи синфи миёна бо истифода аз усули муайянсозӣ ва арзёбӣ ҷамъ оварда шудааст, ки он бо усули соли 2009 қабулшуда мувофиқ мебошад. Бо кӯмаки он арзёбии мавҷудаи пешбиниҳо такмил дода мешавад, зеро он маълумоти воқеиро истифода мебарад ва маълумоти мазкур бо мурури замон саҳеҳии худро бештар аз даст медиҳад, ки он метавонад ба хатогиҳо дар арзёбӣ оварда расонад. Дуввум, дар ҳуҷҷати мазкур усули муайянсозӣ ва арзёбии синфи миёна дар оянда, яъне дар асоси маълумоти Тадқиқоти буҷети хонаводаҳо (ТБХ) баён шудааст. Маълумоти ТБХ ҳар семоҳа аз ҷониби Агентии омор ҷамъ оварда мешавад ва дорои модули пурраи истеъмол мебошад, ки онро метавон барои арзёбии синфи миёна истифода бурд. Ҳуҷҷати мазкур бо роҳи эмпирикӣ арзиши ҳудудиро, ки синфи миёнаи болоӣ ва поёниро аз аҳолии камбизоат ва гуруҳҳои осебпазир ҷудо мекунад бо истифода аз маълумоти ТБХ муайян месозад ва инчунин раванди гузаронидани чунин корро шарҳ медиҳад. Ғайр аз ин, ҳуҷҷат шарҳи се гуруҳҳои иқтисодиро дар бар мегирад: аҳолии камбизоат, осебпазир ва синфи миёна. Маълумоти мазкур барои дарки хусусиятҳои хос ва маҳдудиятҳое, ки бо онҳо мардуми ҳар як категорияи зикршуда рӯ ба рӯ мешавад, кӯмак мерасонад.

Дар сурати қабули усули арзёбӣ ва мониторинги синфи миёна, ки дар ҳуҷҷати мазкур шарҳ дода шудааст, он бартарияти назаррасро нисбат ба усули мавҷудбудаи истифодаи пешбиниҳо (ки дар маълумоти мушоҳида асос наёфтаанд) ва инчунин нисбат ба усули монанд, аммо алтернативӣ, ки гузаронидани пурсишҳоро аз ҷониби тарафҳои сеюм тақозо

мекунад (масалан онҳое, ки дар арзёбиҳои васеи соли 2009 истифода шудаанд ва дар қисмати навбатӣ дар бораи он зикр шудааст), нишон медиҳад. Бартарияти истифодаи ТБХ бо ин мақсад дар он аст, ки ТБХ манбаи маълумотест, ки дар сатҳи миллӣ дастрас аст ва он мунтазам ҷамъ оварда шуда, ҳамчун манбаи арзёбии расмии камбизоатӣ дар кишвар истифода мешавад.

Бо вуҷуди ин, истифодаи ТБХ бо ин мақсад низ дорои баъзе камбудиҳост. Тарҳи тадқиқот чунин аст, ки намуна ба ноҳияҳои иштирокчии тадқиқот нигаронида шудааст ва аз сабаби синну соли намуна (ва набудани ҳуҷҷатҳои алоқаманд бо давраи ибтидоӣ) он метавонад ба роҳ додани баъзе хатогиҳо дар нишондиҳандаҳои ҳисоб оварда расонад. Дар пурсишнома низ усули рӯзномаи васеъ барои ҷамъоварии маълумот (дар он маълумоти моҳона аз рӯи маҳсулоти мухталиф, масалан маҳсулоти хӯрока дарҷ мегардад) истифода мешавад. Таҷрибаҳое, ки дар Тоҷикистон гузаронида мешаванд тамоюли пурра ҳисоб нашудани баъзе аз намудҳои истеъмол ва хароҷотро нишон медиҳанд. Илова бар ин, айни замон Агентии омор бо мақсади ҳалли ин ва дигар масъалаҳо маълумоти дар ТБХ бударо нав мекунад. Инро метавон ҳамчун бартарият аз лиҳози чашмдошти теъдоди бештари маълумоти босифат арзёбӣ намуд, аммо саволҳои иловагӣ ба миён меоянд, зеро дар сурати тағйирёбии воситаи тадқиқот усули дар ин ҷо пешниҳодшудаи арзёбии синфи миёна эҳтимолан таҷдид карда мешавад. Ин маҳдудиятҳо ҳангоми муҳокимаи мувофиқ будани усули дар ТБХ асосёфта бо ҳадафҳои Ҳукумат, бояд ба инобат гирифта шаванд.

Ҳуҷҷат ба се қисм тақсим карда шудааст. Дар қисми аввал усулҳои қаблии пайгирӣ намудани синфи миёна дар Тоҷикистон пешкаш шудаанд. Дар қисми сеюм маълумот, модел ва натиҷаҳои арзёбии синфи миёна бо истифода аз ТБХ шарҳ дода шудааст. Дар қисми чорум хусусиятҳои се гуруҳ оварда шудаанд: гуруҳи камбизоат дар муқоиса бо осебпазир ва дар муқоиса бо синфи миёна. Ғайр аз ин, дар он пешрафт ва фикру мулоҳизаҳо оид ба таҳияи хулосаҳо барои муҳокимаи тадбирҳои сиёсат пешниҳод шудаанд.

## II. Усули қаблӣ бо истифода аз маълумоти ТСЗТ

Дар гузашта хатҳои синфи миёна дар Тоҷикистон бо истифода аз маълумоти Тадқиқоти арзёбии сатҳи зиндагӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2007 ва 2009 арзёбӣ мешуданд. Бояд зикр намуд, ки бахши панелии маълумоти ТСЗТ танҳо як қисми хурди тамоми намунаро дар бар мегирифт. Ғайр аз ин, маълумот танҳо барои ду сол дастрас аст ва он имкон намедод, ки ҳисобҳои тадқиқотҳои ғайримустақим аз ҷониби Агентии омор омодашуда, таҷдид карда шаванд.

Бо истифода аз хатҳое, ки дар доираи чунин кор муайян шудаанд ва истифодаи онҳо дар тадқиқотҳои нисбатан нави монанд ба ТСЗТ, суръати афзоиши синфи миёнаро метавон пайгирӣ намуд. Бо вуҷуди ин, Агентии омор чунин тадқиқотро аз соли 2009 инҷониб нагузаронидааст. Аммо Бонки ҷаҳонӣ ва дигар шарикон ду тадқиқотро бо намуна ва тарҳи пурсишномаи монанд гузарониданд, ки онро метавон барои мақсади мазкур истифода бурд. Тадқиқоти якум – арзёбии эҳтиёҷ аз рӯи нишондиҳандаҳои ғайримустақим, ки баҳори соли 2015 гузаронида шуда, дар он 3000 хонавода дар 150 воҳиди ибтидоии намунабардорӣ (ВИН) фаро гирифта шуд. Тадқиқоти дуввуми масъалаҳои обтаъминкунӣ, беҳдошт ва санитария дар Тоҷикистон дар охири соли 2016 ва ибтидои соли 2017 гузаронида шуд, ки он 3000

хонаводаро фаро гирифт. Ҳар як аз ин тадқиқот модули пурраи истеъмол ва хароҷотро дар бар гирифта буд, ки он имкон медиҳад муқоисаи тахминӣ бо ТСЗТ 2009 баъди тасҳеҳи тағйирёбии нархҳои истеъмолӣ бо истифода аз ИНИ расмӣ, гузаронида шавад.

Истифодаи маълумоти мазкур нишон медиҳад, ки тамоюли умумӣ аз вусъатёбии ботадриҷи синфи миёна дарак медиҳад. Бо вуҷуди ин, дар солҳои 2015-2017 ҳиссаи сатҳи болоиии синфи миёна бо назардошти шумораи умумии аҳолӣ коҳиш ёфт. Ин метавонад бо сустшавии умумии суръати афзоиши иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва минтақа дар натиҷаи поён рафтани нархи нафт дар соли 2015 ва коҳишёбии минбаъдаи ҳаҷми интиқоли маблағҳои пулӣ ба Тоҷикистон, алоқаманд бошад.

*Диаграммаи1: Синфи миёна: Усули ТСЗТ*




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандони БҶ дар асоси маълумоти ТСЗТ дар солҳои мухталиф*

# III. Усули нав бо истифода аз маълумоти ТБХ

Усули дар қисми 2 қабулшуда дорои якчанд маҳдудият мебошад. Аз сабаби номунтазам ва ғайричашмдошт гузаронидани пурсишҳо аз ҷониби тарафҳои сеюм чунин усул наметавонад барои арзёбиҳои мунтазами синфи миёна дар оянда ҳамчун манбаи боэътимод хизмат кунад. Дар қисми мазкур усули муайян намудани синфи миёна шарҳ дода мешавад ва он: i) бо таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ мувофиқ аства ii) маълумотеро (ТБХ) истифода мебарад, ки он дар оянда ба таври доимӣ дастрас хоҳад буд.
Воситаҳои зиёди қобили қабули муайян намудани синфи миёна вуҷуд дорад. Ба таври умумӣ ду адабиёти мухталифи алоқаманд бо риштаҳои ҷомеашиносӣ ва иқтисод мавҷуд аст. Дар анъанаи иқтисодӣ муайянсозии синфи миёна ба пайдо намудани ҳудуд(ҳо) ҷиҳати дохилкунӣ дар асоси даромад ба ҳар сари аҳолӣ ё тақсимоти хароҷоти истеъмолӣ нигаронида шудааст. Бинобар ин, синфи миёнаро метавон ба таври зерин муайян сохт:

i) Бо ҳудуди нисбӣ, ки даромад/истеъмолро ба даҳфоизаҳо тақсим намуда ва барои мисол даҳфоизаҳои сеюм ва ҳафтумро ҳамчун синфи миёна мешуморад ё синфи миёнаро бо арзишҳои даромади миёна маҳдуд мекунад (масалан коэфисиенти 0,75 ва 1,25 аз даромади миёна)

ii) Ба гуруҳҳои мухталифи иқтисодӣ ба монанди камбизоат, сатҳи поёниисинфи миёна, синфи сатҳи болоиисинфи миёна ва сарватманд таалуқ доштани худ аз ҷониби хонаводаҳо;

iii) Ҳудуди абсолютӣ, ки хонаводаҳоро ҳамчун синфи миёна дар асосӣ: а) меъёри байналмилалӣ, масалан байни 10 ва 50 доллари ИМА дар як рӯз ба як нафар аз рӯи баробарии қобилиятӣ харидорӣ ё б) арзёбии арзиши ҳудудии усул дар мафҳуми амнияти иқтисодӣ,

муайян мекунад.

Дар мавриди Тоҷикистон, усули дар мафҳуми осебпазирӣ ва амнияти иқтисодӣ асосёфта бо ду сабаби асосӣ қабул шудааст. Якум, усулҳоие нисбӣ то дараҷае ихтиёрӣ мебошанд, яъненягон омили қаблан муайяншуда барои шуморидани даҳфоизаҳои мушаххас ҳамчун синфи миёна, вуҷуд надорад. Дуюм, дар сурати мавҷуд набудани маълумоти дахлдор дар бораи баҳодиҳии мақоми худ усули арзёбии осебпазирӣ дар шароитҳои маҳаллӣ бештар мувофиқ аст ва он имкон медиҳад, ки бо таъкид ба амнияти иқтисодии хонаводаҳо ҳудуд аз лиҳози эмпирикӣ арзёбӣ гардад.

Омили ҳавасмандкунандаи мафҳуми осебпазирии иқтисодӣ аз он иборат аст, ки хонаводаҳои синфи миёна бояд «аз камбизоатӣ озод» бошанд ва дар ин росто аз лиҳози иқтисодӣ бештар устувор бошанд. Аз нуқтаи назари эмпирикӣ мафҳуми осебпазирӣ аз лиҳози имконпазирии бозгашти хонавода ба камбизоатӣ муайян карда мешавад. Дар чунин маврид ҳудуди стандартии камтар аз даҳ фоизи эҳтимолияти афтидан ба камбизоатӣ дар давра(ҳои) минбаъда қабул гардид. Элементҳо ва қадамҳои асосии сохторӣ барои арзёбии ҳудуди дар усули осебпазирӣ асосёфта, инҳо мебошанд:

**Қадами 1**– Модели эҳтимолият индекси осебпазириро муайян мекунад. Дар асоси маълумоти панелӣ осебпазирии мушаххаси хонавода ба камбизоатӣ дар асоси гуруҳи тағйирёбандаҳои мустақили (ки маълумот дар бораи ҷой, демография, таҳсилот ва дигар тағйирёбандаҳои алоқаманд бо хавфи камбизоатиро дар бар мегирад) муайян мегардад. Агар мақоми осебпазириро шарҳ диҳад, дар ин ҳолат:

Дар ин ҷо, агар камбизоатӣ аққалан дар як давра дар фосилаи байни $t=2$ва$t=T$ мушоҳида шуда бошад.

**Қадами 2**– Модели истеъмол сохтори хароҷотро ҷудо мекунад. Агар хароҷоти хонаводаро аз рӯи ҳамон таносубҳои пешбинӣ кунем, ва агар истеъмоли хонавода ба ҳар сари аҳолӣ дар давраи ибтидоӣ бошад, дар ин сурат:

**Қадами 3**–Муайян намудани ҳудуд барои синфи миёна. Хароҷоти пешбинишаванда барои як қатор эҳтимолиятҳо, яъне дар сурати эҳтимолият/хавфи 10 фоизаи бозгашт ба ҳолати камбизоатӣ барои синфи миёнаи сатҳи болоӣ ва эҳтимолияти/хавфи 30 фоиза барои синфи миёнаи сатҳи поёнӣ.

# IV. Маълумот

ТБХ дар сатҳи миллӣ аз ҷониби Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, барои назорати расмии камбизоатӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ истифода мешавад. Ҳар семоҳа маълумот аз рӯи доираи васеи мавзӯъҳо аз маълумоти демографӣ то истеҳсолоти кишоварзӣ ҷамъ оварда мешавад. Намуна аз 3000 хонавода иборат аст. Бино ба маълумоти Агентии омор дар давоми панҷ соли охир баъзе аз хонаводаҳо иваз карда шуданд ва ТБХ солҳои 2013-2015 ҳамчун замина барои таҳлилҳои минбаъда истифода мешавад.

Бонки ҷаҳонӣ ҷиҳати дастгирии Агентии омор дар такмили ТБХ аз соли 2014 инҷониб кӯмаки техники пешниҳод мекунад. Дар натиҷа, сифати маълумоти ҷамъоваришаванда ва гузаронидани таҳлил бо истифодаи маълумоти хурди тадқиқот тадриҷан беҳтар гардид. Бо вуҷуди ин, аз сабаби куҳнашавии тарҳи намуна ва пурсишномае, ки айни замон истифода мешаванд, маълумот дорои маҳдудиятҳои назаррас мебошад. Дар натиҷа, сатҳи мутобиқати маҳсулнокии моделҳои омории дар қисми V таҳияшуда дар муқоиса бо намунаҳои стандарти тиллоӣ дар дараҷаи паст қарор дорад. Аммо, тавре дар боло зикр шуда буд, яке аз бартариятҳои истифодаи ТБХ нисбат ба дигар маълумот (масалан тадқиқотҳои монанд бо ТСЗТ) дар он аст, ки маълумоти ТБХ мунтазам ҷамъ оварда мешавад ва имкон медиҳад устувории хати синфи миёна мунтазам таҷдид ва санҷида шавад. Қисми зиёди намунаи ТБХ ҳамчун панел тарҳрезӣ шуда аз ин рӯ тағйир додани он барои арзёбии хати синфи миёна дар асоси усули осебпазирӣ осон мебошад.

Сарфи назар коҳишёбии ботадриҷи сатҳи камбизоатӣ дар давоми солҳои 2013-2016, аз даҳ се нафари аҳолӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз камбизоат ба шумор меравад. Сатҳи камбизатӣ бахусус дар деҳот хеле мавсимӣ мебошад, зеро дар он ҷо хонаводаҳо аз даромади кишоварзӣ вобастагии бештар доранд. Ғайр аз ин тафовути назарраси сатҳи камбизоатӣ байни минтақаҳои Тоҷикистон вуҷуд дорад: сатҳи камбизоатӣ дар пойтахт – шаҳри Душанбе аз ҳама паст ва дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон (ВМКБ) аз ҳама баланд мебошад.

*Диаграммаи2: Сатҳи миллии камбизоатӣ бо истифода аз хати болоӣ ва озуқаворӣи камбизоатӣ аз рӯи семоҳаҳо (ҳамчун фоизи аҳолӣ)*




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандони БҶ дар асоси маълумоти ТБХ Тоҷикистон*

*Диаграммаи3: Сатҳи миллии камбизоатӣ дар шаҳр ва деҳот аз рӯи семоҳаҳо (ҳамчун фоизи аҳолӣ)*




*Манбаъ: Ҳисобҳо дар асоси вазни қиёсии азнавсанҷидашудаи аҳолӣ*

*Диаграммаи4: Хатҳои каҷи зичии истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ дар як рӯз бо ифодаи логарифмӣ аз рӯи солҳо*




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандони БҶ дар асоси маълумоти ТБХ Тоҷикистон*

*Диаграммаи5: Хатҳои каҷи зичии истеъмол ба ҳар сари аҳолӣ дар як рӯз бо ифодаи логарифмӣ аз рӯи минтақаҳо (2016)*



Новобаста аз фасли сол ҳиссаи аҳолии камбизоат, ки дар давраи минбаъда камбизоат боқӣ мемонад, калон аст: аз се ду ҳиссаи касоне, ки дар соли 2013 камбизоат буданд дар соли 2015 камбизоат боқӣ монданд. Ҳиссаи аҳолии камбизоат ва ғайрикамбизоат, ки дар арзёбиҳо ҷой иваз мекунанд ва ба камбизоатӣ меафтанд ё аз он раҳо мешавад, хеле калон аст. Бо назардошти сатҳи пасти устуворӣ ва шароитҳои тағйирёбандаи иқтисодӣ дараҷаи тағйирёбӣ баланд аст.

*Ҷадвалӣ1:Матрисаи гузариши камбизоатӣ (аз рӯи семоҳаҳо), 2013-2015.*

| Семоҳаи 1 | Ғайрикамбизоат | Камбизоат |
|---|---|---|
| Ғайрикамбизоат | 76.13 | 23.87 |
| Камбизоат | 38.95 | 61.05 |
| Ҳамагӣ | 61.8 | 38.2 |

| Семоҳаи 2 | Ғайрикамбизоат | Камбизоат |
|---|---|---|
| Ғайрикамбизоат | 74.5 | 25.5 |
| Камбизоат | 40.08 | 59.92 |
| Ҳамагӣ | 62.17 | 37.83 |

| Семоҳаи 3 | Ғайрикамбизоат | Камбизоат |
|---|---|---|
| Ғайрикамбизоат | 85.61 | 14.39 |
| Камбизоат | 49.24 | 50.76 |
| Ҳамагӣ | 75.52 | 24.48 |

| Семоҳаи 4 | Ғайрикамбизоат | Камбизоат |
|---|---|---|
| Ғайрикамбизоат | 84.72 | 15.28 |
| Камбизоат | 46.52 | 53.48 |
| Ҳамагӣ | 72.85 | 27.15 |

*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандони БҶ дар асоси маълумоти ТБХ Тоҷикистон*

## V. Модел

Модели логистикӣ ва модели дар усули квадратҳои хурдтарин (УКХ) этимолиятҳо ва арзишҳои пешбинишавандаи истеъмолро, ки бо этимолиятҳои афтидан ба камбизоатӣ мувофиқанд, муайян мекунанд. Ҳарду модел ҷой, демография, маълумот, тағйирёбандаҳои иқтисодӣ ва ғ., ки бо шароитҳои зиндагии хонавода алоқаманданд, дар бар мегиранд. Ин тағйирёбандаҳо маъмулан бо камбизоатӣ алоқаманданд. Бояд зикр намуд, ки вазифаи модел бевосита маънидод намудани сабабҳои камбизоатӣ нест, аммо он бояд тағйирёбии камбизоатиро аз лиҳози оморӣ маънидод намояд. Бинобар ин, то як дараҷа истифодаи прокси иҷозат дода мешавад. Аммо дохил намудани шумораи бештари тағйирёбандаҳо ба беҳтар шудани мутобиқат оварда мерасонад, аммо коллинеарӣ метавонад андозаи таносубҳоро тағйир диҳад. Дар ниҳоят, барои роҳ надодан ба хатогӣ моделяк қатор тағйирёбандаҳои оддиро дар бар мегирад, аммо андозаҳо/таносубҳои муҳимми камбизоатиро фаро мегирад.

*Ҷадвали 2: Натиҷаҳои регрессияи логистикии ва УКХ*

| Тағйирёбандаҳо | Модели логистикӣ (вазъи камбизоатӣ) | | Модели УКХ (истеъмол) | |
|---|---|---|---|---|
| | коэф. | хатои станд. | коэф. | хатои станд. |
| Суғд | 0.143 | -0.091 | 0.075*** | -0.019 |
| Хатлон | 0.258*** | -0.089 | -0.046** | -0.019 |
| НТҶ | 0.145 | -0.099 | -0.069*** | -0.023 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| ВМКБ | 0.395*** | -0.111 | -0.150*** | -0.023 |
| Сарвари хонавода (СХ) муҷаррад | 0.255*** | -0.078 | -0.071*** | -0.018 |
| СХ ҷудошуда | 0.185** | -0.085 | -0.039** | -0.018 |
| СХмиёна | 0.475*** | -0.067 | -0.126*** | -0.014 |
| СХибтидоӣ | 0.517*** | -0.163 | -0.146*** | -0.039 |
| Шаҳрӣ | -0.017 | -0.090 | 0.031* | -0.018 |
| Ҳаҷми хонавода | 0.178*** | -0.017 | -0.041*** | -0.004 |
| Синну соли сарвари хонавода | 0.047*** | -0.009 | -0.012*** | -0.002 |
| Синну соли СХ дар квадрат | -0.001*** | 0.000 | 0.001*** | 0.000 |
| СХ - мард | 0.074 | -0.047 | -0.000 | -0.011 |
| Тағйирёбии ҳаҷми хонавода | 0.121*** | -0.012 | 0.001 | -0.003 |
| Тағйирёбиишумораи кӯдакон | -0.015 | -0.020 | 0.011** | -0.004 |
| Ҳиссаи калонсолон | -0.518** | -0.260 | 0.160*** | -0.054 |
| Шумораи вобастагон | 0.049 | -0.044 | -0.008 | -0.009 |
| Х-да маош мегирад | 0.038 | -0.066 | -0.045*** | -0.014 |
| Х-да аз ҳисоби киш-зӣ даромад дорад | -0.988*** | -0.088 | 0.275*** | -0.017 |
| Х-да кӯмаки иҷтимоӣ мегирад | -2.766** | -1.078 | 0.119 | -0.093 |
| Х-да аз хориҷа маблағи пулӣ мегирад | 0.225*** | -0.050 | -0.008 | -0.011 |
| Дарх-да корез мавҷуд аст | 0.522*** | -0.184 | -0.134*** | -0.038 |
| Дар х-да оби гарм аст | -0.205 | -0.355 | 0.236* | -0.123 |
| Дар х-да ванна/душ ҳаст | -0.673*** | -0.171 | 0.163*** | -0.036 |
| Ҳиссаи аҳолии машғул | -1.275*** | -0.181 | 0.544*** | -0.035 |
| Константа (доимӣ) | -2.301*** | -0.315 | 5.666*** | -0.068 |
| Мушоҳидаҳо | 11,904 | | 11,904 | |
| Квадрати - R | 0.110 | | 0.254 | |

*** p<0.01, ** p<0.05, * p<0.1

*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандони БҶ дар асоси маълумоти ТБХ Тоҷикистон*

Одатан, самти коэффитсиентҳо дар регрессияи логистикӣ аломати чашмдоштдорад, ба истиснои шумораи ками ҳолатҳо, ба монанди дастрасӣ ба корез, ва оё хонавода музди меҳнат гирад, аммо аломат дар регрессияи УКХмунтазам мегардад.

# VI. Натиҷаҳо

Сарфи назар аз таҳрифҳои назарраси натиҷаҳои арзёбиҳо, таносуб байни эҳтимолияти бозгашт ба камбизоатӣ ва истеъмол қавӣ мебошад. Натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки иртиботҳо, бахусус дар сатҳи пасттари эҳтимолиятҳо, ҳамеша доимӣ нестанд. Дар сатҳи 10-15 фоизи хавфи бозгашт ба ҳолати камбизоатӣ, истеъмоли пешбинишаванда бамаротиб меафзояд.

*Диаграммаи6: Диаграммаи парокандагии логарифми истеъмоливоқеӣва эҳтимолияти тахминии гузариш ба камбизоатӣ, с. 2013.*




*Диаграмаи7: Диаграммаи парокандагии истеъмоли пешбинишаванда ва эҳтимолияти тахминии гузариш ба камбизоатӣ, с. 2013*




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандони БҶ дар асоси маълумоти ТБХ Тоҷикистон*

Дар асоси модел, арзиши ҳудудӣ барои гузоштани фарқият байни гуруҳи осебпазир ва сатҳи поёнии синфи миёна дар ҳаҷми 38,35 сомонӣ ба як нафар дар як моҳ ва барои сатҳи болоии синфи миёна дар ҳаҷми 498,71 сомонӣ дар соли 2016 ҳисоб карда мешавад. Арзиши ҳудудӣ муттаносибан 1,8 ва 2,8 маротиба зиёдтар аз арзиши хати камбизоатӣ мебошад, ки дар маҷмӯъ ба коэффисиентҳои монанд дар дигар кишварҳо мувофиқат мекунанд. Бо ифодаи абсолютӣ хати ҳудудии сатҳи болоии синфи миёна дар Тоҷикистон дар муқоиса бо арзиши хат барои Қирғизистон каме пасттар аст. Дар ин кишвар хати камбизоатӣ низ каме болотар аст. Тавре ки интизор мерафт, арзишҳои хатҳои синфи миёна ба сатҳи ҳудудии эҳтимолият ва тағйирёбиҳои хати камбизоатӣ ҳассос мебошанд. Аммо, хусусиятҳои мухталифи модел, ба монанди вусъатдодашуда дар муқоиса бо оддӣ, ба арзишҳои монанди ҳудудӣ оварда мерасонанд.

*Диаграммаи8: Диаграммаи парокандагии истеъмоли пешбинишаванда ва тахминӣ барои сатҳҳои мушаххаси хавфи гузариш ба камбизоатӣ, с. 2013.*




*Диаграммаи9: Арзишҳои ҳудудии баъзе аз сатҳҳои эҳтимолият (бо асъори миллӣ дар як моҳ, с. 2016)*




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандони БҶ дар асоси маълумоти ТБХ Тоҷикистон*

# VII. Хусусиятҳо

Дар мавриди хати синфи миёнаи арзёбишаванда, соли 2014 он каме боло рафт, аммо дар солҳои 2015-2016 каме поён рафт. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки аз паи коҳиши сатҳи *камбизоатӣ* дар солҳои охир вусъатёбии синфи миёна ба амал наомад. Коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар ин давраҳо асосан бо афзоиши ҳиссаи аҳолии осебпазир мутобиқ буд. Ҳиссаи аҳолие, ки ба категорияи камбизоат тааллуқ надорад ва ба синфи миёна низ дохил намешавад, афзоиш ёфта истодааст. Ҳиссаи сатҳи поёнӣ ва болоии синфи миёна муттаносибан дар сатҳи 17 ва 6 фоиз аз шумораи умумии аҳолӣ боқӣ мемонад ва мисли камбизоатӣ аз фасли сол вобастагии калон дорад. Натиҷаҳо ба заиф будани ҳолатҳои коҳишдиҳии сатҳи камбизоатӣ ишора мекунанд ва омори шарҳиро бо дараҷаи баланди тағйирёбӣ асоснок мекунанд.

*Диаграммаи10: Тамоюл ва ҳаҷми синфи миёна дар Тоҷикистон (с. 2013-2016) дар асоси маълумоти ТБХ (бо фоиз аз шумораи умумии аҳолӣ)*




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандони БҶ дар асоси маълумоти ТБХ Тоҷикистон*

*Диаграмаи11: Тамоюл ва ҳаҷми синфи миёна дар Тоҷикистон (с. 2013-2016 аз рӯи семоҳа) дар асоси маълумоти ТБХ (бо фоиз аз шумораи умумии аҳолӣ)*




*Манбаъ: Ҳисобҳо дар асоси вазни қиёсии азнавсанҷидашудаи аҳолӣ*

Чун дар мавриди камбизоатӣ, синфи миёна дорои сохтори намоёни демографӣ ва фазоӣ мебошад. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки тақрибан нисфи он аҳолие, ки ба синфи миёна тааллуҷ дорад ба вилояти Суғд рост меояд, шаҳри Душанбе ва вилояти Хатлон аз се ду ҳиссаи боқимондаро ташкил медиҳанд. Тақрибан нисфи синфи миёна ба минтақаҳои шаҳрӣ рост меояд, ва танҳо сеяки аҳолӣ ба шаҳр ва шаҳракҳо рост меояд. Шумораи хонаводаҳое, ки ба синфи миёна тааллуқ доранд хеле кам аст: онҳо дорои шумораи камтари фарзанд, шумораи камтари занон ва пиронсолон мебошанд.

*Диаграммаи12: Тақсимоти синфҳои иқтисодӣ аз рӯи минтақаҳо дар соли 2013 (бо фоиз аз шумораи умумии аҳолӣдар ҳар як гуруҳи иқтисодӣ)*




*Диаграммаи13: Шумораи миёнаи аъзоёни хонавода, шумораи фарзандон ва занон аз рӯи синфҳои иқтисодӣ, с. 2013*




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандони БҶ дар асоси маълумоти ТБХ Тоҷикистон*

Интизор меравад, ки сарварони хонаводаҳо дар хонаводаҳои синфи миёна бештар дорои маълумот мебошанд ва бо эҳтимолияти зиёд соҳиби маълумоти олӣ мешаванд. Илова бар ин, дар мавриди маълумот, ҳиссаи аъзоёни калонсоли хонавода, ки музди меҳнат мегиранд дар хонаводаҳои синфи миёна бамаротиб болотар аз хонаводаҳои осебпазир ва камбизоат мебошад. Шароити зиндагии хонаводаҳои синфи миёна дар муқоиса бо ду синфи иқтисодии дигар беҳтар аст; намояндагони синфи миёна дорои дастрасии беҳтар ба оби нӯшидании босифат, корез, ҳаммом ва алоқаи телефонӣ мебошанд. Албатта, чунин инфрасохтор бо зисту зиндагии намояндагони синфи миёна дар шаҳр иртибот дорад. Бо вуҷуди ин, баъзе аз чизҳо ба монанди газ, гармидиҳии марказӣ ва оби гарм мавҷуданд ва онҳо вобаста аз мақоми синфи иқтисодӣ он қадар тағйир намеёбанд. Бо вуҷуди ин, дар Тоҷикистон бо сабаби набудани газ барои гармидиҳӣ баъди аз байн рафтани шабакаи минтақавӣ ва ба даст овардани истиқлолият ин воситаҳо на ҳама вақт кор мекунанд.

*Диаграммаи14:Ҳиссаҳои миёнаи сарварони хонаводаи дорои маълумоти олӣ; аъзоёни хонаводаи синнашон аз 65 боло ва онҳое, ки музди меҳнат мегиранд, тақсимот аз рӯи синфҳои иқтисодӣ, с. 2013*




*Диаграммаи15: Ҳиссаи миёнаи хонаводаҳое, ки ба гармидиҳии марказӣ, қубури об, корез, гази табиӣ, ҳаммом ва телефон дастрасӣ доранд, тақсимот аз рӯи синфҳои иқтисодӣ, с. 2013.*




*Манбаъ: Ҳисобҳои кормандони БҶ дар асоси маълумоти ТБХ Тоҷикистон*

Чун дар мавриди камбизоатӣ гузариш ба синфи миёна ва раҳоӣ аз он вобаста аз фасли сол мушоҳида мешавад. Ҳиссаи хурди аҳолӣ дорои мақоми синфи миёна дар ҳамаи чор фасли сол мебошад. Ҳиссаи аз ҳама калони аҳолие, ки дар яке аз синфҳои мушаххас боқӣ мемонад - аҳолие, камбизоат нест ва ба синфи миёна дохил намешавад.

## VIII. Хулоса

Айни замон барои арзёбии андозаи синфи миёна Тоҷикистонусули пешбиниро истифода мебарад ва ҳадафҳои дахлдори Стратегияи миллии рушдро муайян мекунад. Дар ҳуҷҷати мазкур маълумоти нав, арзёбиҳои усули мазкур дохил карда шудаанд ва маълумоте, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ ва шарикони дигар барои арзёбии андозаи синфи миёна ҷамъоварӣ шудааст барои ифодаи мафҳум мавриди истифода қарор дода шудаанд. Дар ҳуҷҷат усули муайянсозӣ ва арзёбии синфи миёна дар оянда дар асоси ТБХ бо муҳокимаи баъзе аз бартариятҳо ва камбудиҳои алтернативаҳои мухталиф, баён шудааст. Пас аз ин дар таҳлил арзишҳои ҳудудӣ, ки сатҳи поёнӣ ва болоии синфи миёнаро аз аҳолии камбизоат ва гуруҳҳои осебпазир ҷудо мекунад бо истифода аз маълумоти ТБХ, баҳо дода мешаванд ва раванде, ки тавасссути он кори мазкур анҷом дода шудааст, шарҳ дода мешавад.

Натиҷаҳои стратегияи арзёбӣ бар он таъкид мекунанд, ки сарфи назар аз пайдоиши синфи миёна дар Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат, пешрафт дар ин самт солҳои охир умуман ба назар намерасад. Дар муқоиса, нишондиҳандаҳои камбизоатӣ таи солҳои охир бо суръати суст аммо ботадриҷ коҳиш ёфтаанд. Ҳиссаи аҳолии ҳамчун «осебпазир» таснифшуда вусъат ёфт, ки ба дараҷаи баланди осебпазирӣ ва сатҳи пасти устувории хонаводаҳо ба шароитҳои тағйирёбандаи иқтисодӣ ишора мекунад. Маъмулан тадбирҳои сиёсие, ки ба мубориза бо

камбизоатӣ ва осебпазирӣ равона шудаанд ба вусъатёбии синфи миёна оварда мерасонанд. Тавре дар Арзёбии системавии кишвар барои Тоҷикистон оварда шудааст, рушди сармояи инсон ва пешбурди бахши хусусӣ метавонад ба афзоиши сармоя ва натиҷаҳои назаррас аз ҳисоби сармояи инсон оварда расонад ва дар ниҳоят ҳамчун замина барои рушди синфи миёна хизмат кунад.